Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 майи соли 2013, № 211
тасдиқ шудааст

Тартиби
аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳои
(иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо
маблағгузоришаванда

1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо маблағгузоришаванда (минбаъд - Тартиб) мутобиқи қисми дуюми моддаи 192 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд - ААИ) озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) маблағгузоришавандаро муайян менамояд.

2. Барои расидан ба мақсадҳои Ҳамин Тартиб лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - лоиҳаҳое, ки дар заминаи созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузории (татбиқи) онҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва давлатҳои хориҷӣ (ЊукуматҲои давлатҳои хориҷӣ), ташкилотҲои ватанӣ, хориҷӣ ва байналмилалии молиявњ амалишаванда, дониста мешаванд.

3. Қарзгирандаҳо (грантгирандаҳо) шахсони Ҳуқуқӣ ва ё шахсони тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии Ҳуқуқӣ ваколатдоршудае мебошанд, ки ба онҳо қарз -(грант) ба сифати иҷрокунандаи лоиҳаи сармоягузорӣ дода мешавад.

4. Барои мақсадҳои Ҳамин Тартиб шахсони зерини дар лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита иштироккунанда, ки нисбаташон озодкунӣ аз ААИ аз рӯи таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузории (татбиқи) лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон харидашаванда, татбиқ мегардад, инҳо ба Ҳисоб мераванд:

- шахсони Ҳуқуқӣ - резидентҲои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сифати супорандагони андоз аз арзиши иловашуда тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд;

- ғайрирезидентҲо, аз ҷумла онҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаҳои доимии ғайрирезидентҲо фаъолият мекунанд.

5. Озодкунӣ аз пардохти ААИ ба шахсони дар банди 4 Ҳамин Тартиб зикргардида, аз рӯи аҳдҳои (қарордодҳои, шартномаҳои ва созишномаҳо и) барои таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, Ҳангоми риоя кардани шартҳои зерин пешниҳод карда мешавад, агар:

- аз ҷониби шахси дар банди 3 Ҳамин Тартиб зикргардида тасдиқ шуда бошад;

- бевосита ба лоиҳа (барнома, созишнома), ки барои амалӣ гардидани он қарз (грант) пешниҳод шудааст, алоқаманд мебошанд;

- дар давраи амалӣ гардидани қарз (грант) баста шуда бошанд;

- то анҷоми давраи амалӣ гардидани лоиҳа (барнома, созишнома), ки бо мақсади он қарз (грант) пешниҳод шудааст, бояд ба итмом расанд.

6. Дар ҳолате, ки агар шахси дар банди 4 Ҳамин Тартиб зикргардида муомилоти алоҳидае дошта бошад, ки он ба бевосита анҷом додани лоиҳа (барнома, созишнома), ки бо мақсадҳои амалӣ гардидани он қарз (грант) ҷудо шудааст, алоқаманд нест ё аҳдҳои (қарордодҳои, шартномаҳои ва созишномаҳо и) басташудаи ӯ ба талаботи дар банди 5 Ҳамин Тартиби мазкур зикргардида ҷавобгӯ набошад, дар он сурат имтиёзҳои андозии бо ин Тартиб пешниҳоднамуда ба чунин муомилот ва аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) паҳн намегарданд ва чунин шахс супорандаи ААИ ба Ҳисоб меравад.

2. Шартҳои озодкунӣ аз пардохти ААИ

7. Аз пардохти ААИ озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузории (татбиқи) лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ)) харидашаванда дар асоси аризаи грантгиранда (қарзгиранда) ё шахси ваколатдори он ба унвони таҳвилгари молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) сурат мегирад, агар дар як вақт шартҳои зерин риоя гарданд:

- таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста амалӣ гардида бошад;
- молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) танҳо бо мақсадҳои дар созишномаҳо и мазкур муқарраргардида харида шаванд;
- таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) мутобиқи шартномае (қарордоде) амалӣ гардида бошад, ки бевосита бо грантгиранда (қарзгиранда) ё шахси ваколатдоршудаи он ҷиҳати татбиқи лоиҳа ба имзо расонида шуда бошад;

8. Аз пардохти ААИ озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) дар асоси аризаи қарзгиранда (грантгиранда) ё шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ваколатдоркардаи он, ба суроғаи (ба номи) таҳвилгар, иҷрокунандаи корҳо ё хизматрасонӣ тибқи шакли дар Замимаи 1 ба Тартиби мазкур овардашуда, сурат мегирад. Қарзгирандаҳо (грантгирандаҳо) аризаҳои зикргардидаро бо ҷамъбасти афзоянда ба Ҳисоб мегаранд ва ба ЊуҷҷатҲои ба озодкунӣ аз пардохти ААИ дар чорчӯбаи Ҳамин Тартиб алоқаманд буда замима менамоянд.

9. Бо мақсадҳои баҳисобгирии имтиёзҲои андозии пешниҳодшуда шахсони дар банди 4 Ҳамин Тартиб зикргардида ўҲдадоранд дар алоҳидагњ аз рўи аҳдҳои (қарордодҳои, шартномаҳои ва созишномаҳо и) ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда ва алоҳида аз рўи амалиётҲои боқимондаи андозбандишаванда Ҳисобот баранд.

10. Дар қисми болоии эъломияҲои андоз аз рўи ААИ дар давраи Ҳисоботњ, ки дар он таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда ҷой дорад, мутобиқи банди 15 Ҳамин Тартиб қайд карда мешавад: "Бинобар амалӣ гардидани "
_______________________________________________ "
(номи лоиҳа (барнома, созишнома)
сана ва рақам аз Номгўи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) аз рўи таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, гузошта мешавад. Ба эъломияи андоз аз рўи ААИ дар давраи Ҳисоботњ нусхаи аризаи қарзгиранда (грантгиранда) дар хусуси аз пардохти ААИ озод кардани ин таҳвили молҳо (иҷрои корҳои ва хизматрасониҳо) замима карда мешавад.

11. Дар эъломияи андоз аз рўи ААИ шахсони дар банди 4 Тартиби мазкур зикргардида муомилоти таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, дар сатри 003, қисми II, шакли №03.01 амалиёти аз ААИ озодро инъикос менамоянд. Маблағи ААИ ба Ҳисоби ААИ бо усули мутаносиби гирифта мешавад. Ҳамзамон, дар мавриди муайян намудани маблағи ба Ҳисоб гирифташавандаи ААИ маблағи Ҳам андозбандишаванда ва Ҳам озодгардидаи муомилот дар давраи Ҳисоботњ ба Ҳисоб гирифта мешавад. Агар дар давраи Ҳисоботњ танҳо муомилоти озодгардида ҷой дошта бошад, дар ин сурат ба Ҳисоб гирифтани ААИ аз рўи молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) дастрасгардида роҳ дода намешавад. Аз рўи таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, шахсони дар банди 4 Тартиби мазкур зикргардида Ҳисобнома - фактураҳоро оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҲо пешниҳод намекунанд.

12. Таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои қарз (грант) харидашаванда ва ба талаботи Тартиби мазкур ҷавобгў буда, аз ҷониби ғайрирезидентҲои ба сифати супорандаи ААИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифтанашуда бе андозбандии бо бозгашт дар сарчашмаи пардохт сурат мегирад.

13. Агар молҳои таҳвилшуда, натиҷаи иҷрои корҳо ё хизматрасониҳое, ки аз рўи онҳо қаблан озодкунӣ аз пардохти ААИ пешниҳод шуда буд, бо ягон сабаби қатъ гардидани амали аҳдҳо (шартнома, қарордод,

созишнома) (гузаштани мӯҳлат ё қатъ гардидан, анҷом ёфтани амалишавии лоиҳа (барнома, созишнома) ва ғайра) дар ихтиёрдории (моликияти) шахсони дар банди 4 Тартиби мазкур зикргардида монанд, дар ин сурат аз рӯи чунин боқимондаи молҳо, натиҷаи иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба Ҳисоб ва пардохти ААИ, ки қаблан аз пардохти он дар чорчӯбаи Ҳамин Тартиб озодкунӣ пешниҳод шуда буд, аз ҷониби ин шахсон дар давоми 15 рӯз бояд анҷом дода шавад. Пардохти ААИ аз рӯи арзиши боқимонда дар рӯзи сипаришудаи мӯҳлат, қатъ гардидан ё анҷом ёфтани аҲд (қарордод, созишнома ва шартнома) доир ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, вобаста ба он, ки кадом мӯҳлат пештар фаро мерасад, сурат мегирад.

14. Муқаррароти банди 13 Тартиби мазкур ба инҳо паҳн намешавад:

- шахсони дар банди 3 Тартиби мазкур зикргардида;
- нисбати молҳое, ки бояд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда шаванд ва қаблан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда, моликияти шахсони дар банди 4 Ҳамин Тартиб зикргардида мебошанд;
- нисбати молҳо, натиҷаи иҷрои корҳо ва хизматрасониҳое, ки ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон дода мешаванд;
- дар Ҳолати андозбандии бо бозгашт.

### 3. Тартиби назорат ва баҳисобгирии аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо )

15. Ҳамаи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, бояд аз ҷониби шахсони таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Тартиби мазкур зикргардида тасдиқ ва ба Ҳисоб гирифта шаванд. Тасдиқи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) маънои гузоштани мӯҲр, тамға ва имзои роҳбари аввали (ё муовини аз ҷониби ӯ ваколатдоркардаи роҳбари аввал) шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Ҳамин Тартиб зикргардидаро дар аҲд (қарордод, шартнома ва созишнома) ва дохил намудани онҳо ба Номгӯи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) аз рӯи таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, дорад.

16. Шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Тартиби мазкур зикргардида бо мақсадҳои назорат ва баҳисобгирӣ доир ба татбиқи имтиёзҲои андоз, пас аз тасдиқи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, аз рӯи шакли дар замимаи 2 ба Ҳамин Тартиб овардашуда, Номгӯи аҳдҳоро (қарордодҳоро, шартномаҳоро ва созишномаҳо ро) доир ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда таҳия месозад ва пеш мебарад. Нусхаҳои аҳдҳои (қарордодҳои, шартномаҳои ва созишномаҳо и) тасдиқшуда оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, бо қайд дар хусуси баҳисобгирӣ дар шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Тартиби мазкур зикргардида, дар давоми на камтар аз 3 сол пас аз анҷоми давраи амалигардии лоиҳа (барнома, созишнома), ки ба мақсади он, қарз (грант) ҷудо шудааст, нигоҳ дошта мешавад.

17. Барои баҳисобгирии аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Ҳамин Тартиб зикргардида ба аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) мӯҲр ва тамғаи худро гузошта, бо имзои шахси ваколатдоршуда тасдиқ менамояд ва мутобиқи Номгӯи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, рақами тартибӣ мегузорад.

18. Ҳар моҳ на дертар аз санаи даҳуми моҳи минбаъдаи моҳи Ҳисоботӣ, шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Ҳамин Тартиб зикргардида, ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакли дар Замимаи 3 ба Тартиби мазкур овардашуда, нусха аз Номгӯи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои,

хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, пешниҳод мекунад.

## 4. Ҷавобгарӣ

19. Масъулият барои асоснокии аризаҳои ба суроғаи таҳвилгари (иҷрокунандагони корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳодгардида ва аҳдҳои (қарордодҳои, шартномаҳои ва созишномаҳо и) дар чорчӯбаи Ҳамин Тартиб тасдиқшуда оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо и қарзӣ (грантӣ) харидашаванда, ба зиммаи шахси таъингардидаи (ваколатдоршудаи) дар банди 3 Тартиби мазкур зикргардида гузошта мешавад.

20. Шахсоне, ки муқаррароти Ҳамин Тартибро вайрон мекунанд, Ҳамчунин имтиёзҲои андозии муқаррарнамудаи Тартиби мазкурро ғайриқонунӣ истифода мебаранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Замимаи 1
ба Тартиби аз андоз аз арзиши
иловашуда озод намудани таҳвили
молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои)
аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо
маблағгузоришаванда

**АРИЗА № ___ аз "__" ___________ соли 20__**

**оид ба аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо харидашаванда**

1. Номи пурраи таҳвилгари молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо)___

_________________________________________________ ______________

2. Рақами мушаххаси андозсупоранда_____________________________
(таҳвилгари молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо))

3. Мутобиқи аҲди (шартномаи, қарордоди ва созишномаи) басташудаи №___ аз "___"___________ соли 20__ , байни Шумо ва ____________________

_________________________________________________ ___________________
(ном ва РМА-и шахсе, ки шартнома, қарордод, созишномаро бастааст), ки ба он аз Номгӯи аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо и) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои қарзӣ (грантӣ), харидашаванда рақами № __ аз "__"__________ 20__ с. дода шудааст.) барои таҳвили молҳо ___________

_________________________________________________ __________________
(номгӯи молҳо, миқдор, арзиши умумӣ бо сомонӣ)

б) иҷрои корҳо ____________________________________________
(намуди корҳо, арзиши умумӣ бо сомонӣ)

в) хизматрасониҳо _________________________________________
(намуди хизматрасониҳо, арзиши умумӣ бо сомонӣ)

хоҳишмандам таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои қарзӣ, (грантӣ) харидшавандаро бе Ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда амалӣ намоед.

4. Аз тарафи худ тасдиқ мекунам, ки таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) аз Ҳисоби маблағҳои, қарзӣ (грантӣ) дар чорчӯбаи имтиёзҲои пешниҳодшудаи моддаи 192 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешаванд.

5.Номи қарзгиранда (грантгиранда) (шахси ваколатдоршудаи онҳо)__

_________________________________________________ ______________

6. Рақами мушаххаси андозсупоранда _____________________________

_________________________________________________ ______________
(қарзгиранда ва грантгиранда (шахси ваколаткардаи онҳо)

СаҳеЊии маълумоти зикргардидаро бо ин тасдиқ мекунам.

Роҳбари грантгиранда (қарзгиранда) (шахси ваколатдоршудаи онҳо)

________________________________ __________________________
Ҷ.М. (н.н. ва н.п.)

Санаи пур кардани ариза "__"_________ соли 20__ _______________
(имзо)

Замимаи 2
ба Тартиби аз андоз аз арзиши
иловашуда озод намудани таҳвили
молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои)
аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо
маблағгузоришаванда

Қарзгиранда, грантгиранда (шахси
ваколатдоршуда)________________________
________________________________________
(номи шахси Ҳуқуқӣ)
РМА ________________________

Номгӯи
аҳдҳо (қарордодҳо, шартномаҳо ва созишномаҳо ) оид ба таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои қарзӣ (грантӣ) харидашаванда

______________________________________________
(номи лоиҳа, барнома, созишнома)

| № | Рақами тартибӣ мутобиқи номгӯй | Санаи бақайдгирӣ дар номгӯй | Мақоми андозии таҳвилгар (Р-резидент; Ғ-ғайрирезидент; Н-намояндагии доимии ғайрирезидент) | Маълумот дар бораи бақайдгирии таҳвилгар ба сифати супорандаи ААИ (Ҳа- рақам ва санаи шаҳодатнома; Не- хат) | Рақам ва санаи ариза дар хусуси озодкунӣ аз ААИ | Маблағи ААИ- и озодшуда; -мутобиқи ариза; - андозбандии бозгашт | Кӣ ба қайд гирифтааст (Н.Н., имзо) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

давоми таблитса

| Маълумот дар бораи аҲд (қарордод, шартнома ва созишнома) | | | | | | | Бекор карда шудааст (сана) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Рақам | Сана | Мақсад (ном ва тавсифи кӯтоҳ) | Бо кӣ баста шудааст (номи шахси ҳуқуқӣ ва РМА) | Маблағ сомонӣ | Мӯҳлати амал | | |
| | | | | | аз | то | |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 3
ба Тартиби аз андоз аз арзиши
иловашуда озод намудани таҳвили
молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои)
аз Ҳисоби маблағҳои созишномаҳо
маблағгузоришаванда

Қарзгиранда, грантгиранда (шахси ваколатдоршуда)________________________
________________________________________

(номи шахси Ҳуқуқӣ)

РМА ________________________

Нусха аз Номгӯи
аҲдхо (қарордодҳо, шартномаҳо, ва созишномаҳо ) оид ба тахвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз Ҳисоби маблағҳои қарзӣ (грантӣ) харидашаванда

________________________________________
(номи лоиҳа, барнома, созишнома)
барои__________ соли 20__
(моҳ)

| № | Рақами тартибӣ мутобиқи номгӯй | Санаи бақайдгирӣ дар номгӯй | Мақоми андозии таҳвилгар (Р-резидент; Ғ-ғайрирезидент; Н-намояндагии доимии ғайрирезидент) | Маълумот дар бораи бақайдгирии таҳвилгар ба сифати супорандаи ААИ (Ҳарақам ва санаи шаҳодатнома; Не- хат) | Рақам ва санаи ариза дар хусуси озодкунӣ аз ААИ | Маблағи ААИ- и озодшуда; -мутобиқи ариза; - андозбандии бозгашт | Кӣ ба қайд гирифтааст (Н.Н., имзо) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

давоми таблитса

| Маълумот дар бораи аҲд (қарордод, шартнома ва созишнома) | | | | | | | Бекор карда шудааст (сана) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Рақам | Сана | Мақсад (ном ва тавсифи кӯтоҳ) | Бо кӣ баста шудааст (номи шахси ҳуқуқӣ ва РМА) | Маблағ сомонӣ | Мӯҳлати амал | | |
| | | | | | аз | то | |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Роҳбар ______________________________ _______________
(Н.Н. ва Н.П.) (имзо)

Корманди масъул ____________________ _______________
(Н.Н. ва Н.П.) (имзо)

Ҷ.М. "__"_________ соли 20__